«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
_____ Сафарзода М.В.
«____»_____ соли 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсуддинович дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

1. Арзёбии мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсуддинович дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» ҳақиқатан ба бандҳои зерини 10.1., 10.12,10.13,10.16,10.18- -и дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ мебошад.

2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд яке аз самтҳои муҳимми баланд бардоштани устувории молиявии онҳо ба ҳисоб меравад. Барои ин ташкилотҳо зарур аст, ки низоми ҳамаҷонибаи муайянкунӣ, баҳодиҳӣ, назорат ва коҳиш додани хавфҳоро таҳия намоянд. Аз ҷумла, истифодаи усулҳои муосири баҳодиҳии қобилияти пардохтпазирии қарзгирандагон, таҳлили таърихи қарзӣ, муайян намудани сатҳи хавфи ҳар як қарз ва ташкили захираҳои кофӣ барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ аҳаммияти калон дорад. Ҳамзамон, такмили низоми назорати дохилӣ ва тақсимоти дурусти масъулият байни кормандон метавонад эҳтимоли ба вуҷуд омадани хавфҳои амалиётӣ ва қарзиро коҳиш диҳад.

Мавриди зикр аст, ки танзими идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд дар низоми бонкии кишвар яке аз масъалаҳои меҳварӣ маҳсуб ёфта, мушкилоти зиёде дар ин самт мавҷуд аст. Бо вуҷуди мушоҳида гаштани рушди танзими идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд , ҳанӯз мушкилот дар ин самт ҷой доранд, аз ҷумла: фарқияти байни талабот ва таклифот дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, нақши назарраси барномаҳои ва стратегияҳо дар самти танзими идоракунии хавфҳо, таносуби баланди маблағҳои сармояи оинномавӣ дар таъмини маблағгузории тиҷоратӣ, дараҷаи пасти қарзҳои додашуда дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, мукаммал набудани барномаҳои молиявӣ дар бозори маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои хоси ҷойгиршавии ташкилотҳои маблағгузории хурд, набудани реҷаи имтиёзнок барои рушди ин намуди фаъолият ва ғайраҳо.

Аз ҳамин нуқтаи назар омӯзиш ва таҳлилу натиҷагирии самтҳои асосии такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд дида баромада шуда, мушкилоту камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта ошкор, таъсири ин гузоришҳо ба самаранокии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта, диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсуддинович меҳнати анҷомёфтаи илмии тахассусӣ мебошад, ки роҳи ҳалли нави як масъалаи таъхирнопазири илмиро ифшо намудааст. Омӯзиши нокифояи мушкилоти назариявӣ ва амалии ҷанбаҳои асосии такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти муосир муҳиммияти интихоби мавзуи таҳқиқоти илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои онро нишон медиҳад.

3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ, хулосаҳо оид ба интихоби усулҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқ истифода шудааст, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашудаю коркардшуда оид ба мавзуи мазкур, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисолаи диссертатсионӣ мавҷуданд, инчунин, нашрияҳо тасдик карда мешаванд. Дар таҳқиқ асосҳои назариявии идоракунии хавфҳои иқтисодӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, методологияи идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, аниқ муайян карда шудаанд.

Муаллиф на танҳо бо номбар кардани равишҳои назариявию методологии мавҷуда маҳдуд мешавад, балки таҳлили интиқодии онҳоро мегузаронад, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи баҳодиҳии идоракунӣ ва танзими хавфҳоро дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ошкор мекунад, тафсирҳо ва такмилҳои худро пешниҳод менамояд. Хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда аз таҳлили маълумоти назариявӣ, методологӣ ва оморӣ бармеоянд. Муаллиф, хулосаҳои возеҳ ва асоснокро дар бораи ҳолати имрӯзаи идоракунӣ ва танзими хавфҳо ташкилотҳои маблағгузории хурд баён, мушкилот ва ихтилофоти асосиро муайян намуда, роҳҳои асосӣ ва механизмҳои беҳтар шудани ҷараёни идоракунии хавфҳоро муайян месозад. Пешниҳодҳои таҳиякардаи муаллиф хусусияти мушаххас ва амалӣ доранд, ки ба ҳалли мушкилоти баланд танзими идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд нигаронида шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ ва эмпирикӣ пешниҳод гардидаанд.

4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Аз нигоҳи мо унсурҳои навгониҳои таҳқиқи диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунинанд:

1. Дар диссертатсия бо истифода аз назарияҳо, консепсиҳо ва барномаву стратегияҳои давлатӣ, инчунин ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, оиди мавзуи таҳқиқшаванда, таърифи мунаққидонаи муаллиф пешниҳод шудааст. Ба ақидаи муаллиф, ки «Хавфҳо дар ташкилотҳои

маблағгузории хурд омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ мебошанд, ки бо табиати тағйирёбанда ва номуайяни худ фарқ карда, қодиранд ба ҳолати молиявӣ, самаранокии фаъолият ва нуфузу эътибори ташкилоти маблағгузории хурд пайомадҳои номатлуб расонанд»;

2. Бо истифода аз факту рақамҳои воқеӣ, маълумоти оморӣ, нишондиҳандаҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд ва дигар сарчашмаҳои муътамади илмӣ, ҳолати кунунии вазъи молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд, тамоюли хавфҳо дар ин ташкилотҳо мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудааст;

3. Исбот шуда аст, ки дар натиҷаи коҳиши хавфҳои асъорӣ, воситаҳои молиявӣ барои ҷараёни идоракунии асъор дар ташкилотҳои маблағгузории хурд яке аз масъалаҳои меҳварӣ маҳсуб ёфта, барои соддагардонии амалиёти молиявӣ мусоидат мекунад;

4. Диссертант суғуртакунонии хавфҳоро, омили асосии танзими идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд дониста, суғуртаи хавфи асъории онҳоро ба таври зайл пешниҳод карда аст: суғуртакунонӣ аз эҳтимолияти хавфҳои киберӣ, суғуртаи кортҳои хизматрасонӣ, худсуғуртакунӣ ва захираҳо барои ҷуброни хавф, диверсификатсияи тақсимоти хавф.

5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Аҳаммияти илмии таҳқиқро натиҷаҳои илмӣ ва амалии таҳқиқи чандинсолаи муаллиф оид ба самтҳои асосии идоракунӣ ва танзими хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бар мегирад. Муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан баланди илмӣ ва методӣ, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккули танзими идоракунии хавфҳо ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд. Баъзе коркардҳои илмии натиҷагиришудаи диссертатсияро дар ҷараёни таълим, зимни тадриси фанҳои таълимии «Идоракунии хавфи бонкӣ», «Фаъолияти бонкӣ», «Фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд» дар факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқи диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки оид ба танзими идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ҳалли мушкилоти пайдо шудани хавфҳо сурат гирифтаанд. Нуктаҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати асоснокии назариявӣ-методологии таҳқиқи минбаъда ва ҳалли амалии таҳияи танзими хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузориии хурд истифода бурд. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва асоснокии он. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба истифодаи мунтазами методологияи муосири иқтисодӣ-риёзӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлили регрессионӣ, коррелятсионӣ ва сенариясозии эконометрикӣ асос меёбад. Пойгоҳи

иттилоотии корро маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва нишондиҳандаҳои воқеии молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд ташкил медиҳанд, ки дурустии ҳисобгириҳоро таъмин месозад. Аҳамияти амалии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо ҳуҷҷатҳои расмӣ (санадҳо) дар бораи ҷорӣ намудани онҳо ба фаъолияти амалии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тасдиқи худро ёфтаанд. Натиҷаҳои асосии кор дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

7. Татбиқи амалии натиҷаҳо ва манфиатҳои иқтисодии он. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар самти такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад. Ҷорӣ намудани моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва сенариясозӣ барои пешгӯии хавфҳои қарзӣ ва асъорӣ ба ташкилотҳо имкон медиҳад, ки низоми муқовимат бо хавфҳоро самараноктар ба роҳ монанд. Истифода аз афзорҳои муосир, ба монанди ҳеҷиронӣ, метчинг, неттинг ва суғуртаи хавфҳои амалиётию киберӣ, воситаи боэътимод барои паст кардани дараҷаи зарари молиявӣ ва ғайримолиявӣ мебошад.

Манфиати иқтисодии татбиқи ин механизми комплексӣ дар сатҳи микро ва макро зоҳир мегардад. Дар сатҳи ташкилотҳои маблағгузории хурд ин раванд ба коҳиш ёфтани ҳиссаи қарзҳои мушкилотдор, муҳофизати сандуқи қарзӣ аз таконҳои қурби асъор ва сарфаи маблағҳо барои эҳтиётии ҷуброни зарар мусоидат менамояд. Ҳамзамон, интиколи хавфҳо тавассути суғурта ва истифодаи фишорсанҷии сенариявӣ ҷуброни саривақтии зарарҳои тасодуфиро таъмин намуда, устувории молиявӣ ва дарозимуддати ташкилотро дар шароити ноустуворӣ бозор кафолат медиҳад.

Дар ниҳоят, татбиқи пешниҳодҳо барои мақомоти танзимкунанда, аз ҷумла Бонки миллии Тоҷикистон, ҷиҳати такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди устувори низоми молиявӣ хизмат мекунад. Баланд бардоштани устувории молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд дастрасии бехатари аҳолиро ба қарзҳо афзун намуда, ба тавсеаи фарогирии молиявӣ ва рушди бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

8. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқ. Ҳамаи даврaҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф асосҳои назариявии хавфи бонкӣ, танзими хавфи бонкӣ, намудҳои хавфҳои бонкӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, коркард ва дурнамои рушди онро таҳия намудааст. Тавсияҳои методӣ ва амалии диссертатсия дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз фанҳои “Идоракунии хавфи бонкӣ”, “Фаъолияти бонкӣ”, истифода шуда истодаанд.

9. Нашри натиҷаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва мутобиқати он. Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ аз ҷониби муаллиф 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

10. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва мукаммалии он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

Дар **муқаддима** мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқ таҳия гардида, нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию методологии танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» ном гирифта, ҷанбаҳои назариявии идоракунии хавфҳои иқтисодӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, методологияи идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, методологияи таҳлил ва арзёбии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 16-51).

Дар зербоби 1.1. –и диссертатсия муаллиф ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро оид ба мавзуи таҳқиқшаванда таҳлил карда, чунин ақида дорад, ки «хавф ин ҳодисаи доимии таъсиррасон аз ҳисоби омилҳои дохилӣ ва берунаи фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд мебошад, ки ба коҳиши эҳсосшавандаи пардохтпазирии муассисаҳои мазкур боис мегардад», (саҳ. 29). Ҳадафҳои идоракунии хавфҳо ин ҳамоҳангсозии фаъолият, баланд бардоштани устуворӣ, таъмини амнияти тиҷорат, фароҳам овардани шароит барои фаъолият ва рушди ояндаи ташкилотҳои маблағгузории хурд мебошад, (саҳ. 31).

Дар зербоби 1.2. диссертант иброз медорад, ки иқтидори хавфи қарзӣ тавассути нисбати бақияи қарзҳои батаъхирафтода ба ҳаҷми умумии сандуқи қарзӣ муайян карда мешавад. Дар ин раванд муҳим аст, ки ҳатто агар деркунӣ танҳо ба як ҳиссаи ҷузъии он дахл дошта бошад ҳам, на танҳо пардохти дершуда, балки тамоми маблағи боқимондаи қарз ба назар гирифта шавад. Нишондиҳандаи мазкур ҳаҷми воқеии сармояеро нишон медиҳад, ки ташкилоти молиявии хурд бо хатари пардохт нашудан рӯбарӯ кардааст. Барои таҳлили ин раванд, чун қоида, муҳлатҳои таъхири 30 ё 90-рӯза ҳамчун меъёр истифода мешаванд, (саҳ. 38).

Дар зербоби 1.3. муаллиф исбот мекунад, ки таҳлил ва арзёбии хавфҳо ба мо имкон медиҳанд, ки мавҷудияти усулҳои гуногунро баён кунем, ки ҳар кадоми онҳо барои ба даст овардани маълумот дар бораи хусусиятҳои хавфҳои инфиродӣ ва омилҳои хавф, ки ба як чизи мушаххаси намуди фаъолият хосанд, кумак мерасонад. Таснифи усулҳои таҳлил ва арзёбии хавфҳо, ки дар ин зероб оварда шудаанд, ифодаи ба низом даровардани танҳо усулҳои маъмултарин дар адабиёти илмӣ ва татбиқи амалӣ мебошад. Дар робита ба ин, омӯзиши минбаъдаи проблемаҳои гурӯҳбандии хавфҳо дар амалияи воқеии усулҳои таҳлил ва арзёбии хавфҳо хеле муҳим ба назар мерасад, (саҳ. 64).

Боби дуюми диссертатсия «Вазъи муосири рушд ва таҷрибаи идоракунии хавфҳои иқтисодӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурди ҷумҳурӣ» унвон гирифта, дар он вазъи муосири танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузориии хурд, таҳлили идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҳеҷиронӣ ҳамчун механизми идоракунии хавфҳои асъорӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва арзёбии самаранокии он, мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудаст (саҳ. 66-122).

Дар зербоби 2.1. ҳангоми ҷадвали 2.2. муйян кардааст, ки шумораи ташкилотҳои амонатии қарзии хурд зиёда аз 2 маротиба, ташкилотҳои қарзии хурд ба андозаи 4,6 маротиба, фондҳои қарзии хурд ба андозаи 12 адад коҳиш ёфтаанд. Зимнан, дар баробари камшавии шумораи ТМХ зиёдшавии шумораи филиалҳои онҳо низ мушоҳида мешавад, ки аз 84 адади соли 2016 то ба 95 адад дар соли 2024 расидаанд, (саҳ. 75). Ҳамзамон, тибқи таҳлилҳои муаллиф муайян карда шуд, ки шиддати осебпазирии ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ба -45,1%, ташкилотҳои қарзии хурд ба дараҷаи рекордӣ ва ташвишовар 87% ва фондҳои қарзии хурд 25%-ро ташкил доданд. Дар ҳамин замина метавон гуфт, ки ҳиссаи бештари ташкилотҳои маблағгузории хурд ба мушкилот дучор шуда, комилан муфлис гардиданд, ки масъала бори дигар осебпазир будани онҳоро собит намуд ва ин боис гардид таваҷҷуҳи олимону коршиносон ба ин масъала афзоиш ёбад, (саҳ. 72).

Дар зербоби 2.2. зимни таҳлили диаграммаи 2.3, иброз медорад, ки теъдоди қарзгирифтагон аз ташкилотҳои мавриди назар дар соли 2024 ба 815 ҳазору 345 нафар расидааст, ки ин рақам нисбат ба нишондоди соли 2016 ба андозаи 548 ҳазору 230 нафар ё ин ки ба андозаи 305,2 % (3 маротиба) зиёдтар будааст. Таҳлилҳо мушаххас карданд, ки аксарияти қарзгирандагон муштариёни ТАҚҲ-ҳо будаанд, (саҳ. 90).

Дар зербоби 2.3. диссертант иброз медоранд, ки раванди ҳеҷиронӣ аз паст кардани сатҳи ноустувории нархҳо ё фоизҳо дар дурнамои оянда иборат аст. Иштирокчиёни бозор (ҳеҷерҳо) ба ин мақсад тавассути бастани шартномаҳои форвардӣ ноил мегарданд, ки онҳо нархи устувори дороиҳоро дар оянда кафолат медиҳанд. Ин барои пешгирӣ кардани талафот аз коҳиши ояндаи нархи дороиҳо кумак мекунад, ҳатто агар ин маънои аз даст додани фоидаи иловагии эҳтимолиро дар сурати афзоиши арзиши дороиҳо дошта бошад. Яъне, ҳеҷиронӣ хавфро коҳиш медиҳад, аммо инчунин метавонад имкониятҳои аз ҳад зиёд даромадро маҳдуд кунад, (саҳ. 118).

Боби сеюми диссертатсия «Роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, дар он суғурта ҳамчун механизми идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, такмили механизмҳои безараргардонии хавфҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, ояндабинӣ ва сенариясозии идоракунии хавфҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, (саҳ. 123-176)

Дар зербоби 3.1. диссертант иброз медорад, ки аксаран ташкилотҳои маблағгузории хурди ватанӣ нисбат ба суғуртакунӣ муносибати

дастаҷамъонаро мавриди истифода қарор намедиҳанд, балки хавфҳои амалиёти ҷудогонаро суғурта мекунанд. Ин ба як қатор масъалаҳо вобаста мебошад, ки дар ҷараёни суғурта кардани хавфҳои дар раванди фаъолияти идоракунии хавфҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд пайдо мешаванд, (саҳ. 130). Ба андешаи муаллиф, ташкилотҳои хурди маблағгузории ватанӣ танҳо он ширкатҳои суғуртавиеро интихоб менамоянд, ки дорои устувории баланди молиявӣ мебошанд. Айни ҳол, аз лиҳози дороиҳои баланд ва мусбӣ дар соли 2022 ҶДММ «Суғуртаи аввалини миллӣ» , ҶСДММ «Спитамен-Суғурта», КВД «Тоҷиксуғурта», КВДС «Тоҷиксармоягузор» мебошанд, (саҳ. 131).

Дар зербоби 3.2. исбот шудааст, ки усулҳои фаровони безараргардонии хавфҳои молиявию ғайри он дар ТМХ вуҷуд доранд, ки вобаста ба самаранокиашон дар амалияи ташкилотҳои мазкур каму беш истифода мешаванд. Самаранокиро бошад, вобаста ба усули истифодашаванда ба таври мухталиф арзёбӣ мекунанд. Барои мисол арзёбии самаранокии ҳеҷирониро дида мебароем. Арзёбии мазкур бисёр марҳалаи муҳим буда, ба ТМХ имкон медиҳад дарк намояд, ки то кадом андоза стратегияҳои интихобшуда барои коҳиши хавфи асъорӣ имконият медиҳанд ва хароҷоти сарфшударо ҷуброн мекунанд, (саҳ.145).

Дар зербоби 3.3. муаллиф модели ояндабинии омилҳои таъсиррасон бо усулҳои математикӣ ва риёзиро таҳия кардааст. Дар асоси таҳлили динамикаи солҳои гузашта, бо назардошти сенарияи оптимистӣ пешбинӣ карда мешавад, ки шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои минбаъда тамоюли афзоишро нишон медиҳад. Пешгӯйӣ нишон медиҳад, ки аз соли 2025 шумораи чунин ташкилотҳо ҳар сол ба ҳисоби миёна тақрибан як воҳид зиёд хоҳад шуд. Дар натиҷа, агар ин раванд идома ёбад, то соли 2030 шумораи ташкилотҳои мазкур ба 53 адад мерасад. Ин ҳолат, дар навбати худ метавонад ба беҳтар шудани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна ва рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намояд, (саҳ. 170).

Дар қисмати хулосаи диссертатсия пешниҳод, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидаанд.

11. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи амалкунанда. Барасмиятдарории диссертатсия ба талабот ва меъёрҳои амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи сохтор, ҳаҷм ва мазмун ба пуррагӣ мувофиқат мекунад. Кор аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаву тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти муаллиф иборат буда, пайдарпайии мантиқии баён ва мувозинати байни ҷанбаҳои назариявӣ ва амалиро нигоҳ доштааст. Диссертатсияи тақризшаванда ва автореферати он тибқи муқаррароти “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ” (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ба расмият дароварда шудааст.

12.Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорики пешниҳоднамудаи унвончӯ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, Исоев Аслиддин Шамсуддинович мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул намудани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда махсус бояд таъкид кард.

13. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия. Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад. Он дар шакли фишурда мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи батабърасида (рисолаву дастурҳои таълимӣ, 12 мақола, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст), мувофиқ мебошанд.

14. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Муаллиф дар зербоби 1.1. ақидаҳои олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, намояндагони мактабҳои иқтисодиро оид ба хавфҳои иқтисодӣ, хавфҳои бонкӣ, тавассути иқтибосҳо аз сарчашмаҳои илмӣ нишон додааст. Муаллиф аз дидгоҳи танқидӣ ба онҳо муносибат мекард, хуб буд.

2. Дар зербоби 2.1 ва ҷадвали 2.3 сатҳи хавфнокии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба таври амиқ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Лозим ба тавзеҳ аст, ки мушаххастар баён намудани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои асосие, ки дар асоси онҳо ин сатҳи хавфҳо муайян карда шудаанд, метавонист аҳамияти методии таҳлилро боз ҳам афзунтар гардонад.

3. Таҳлили гузаронидашуда дар зербоби 2.2 дорои аҳамияти баланди амалӣ мебошад. Сохтори кор боз ҳам мукаммалтар ва муқоисавӣ мегардид, агар ҷараёни хавфҳои қарзӣ дар мисоли чанд ташкилоти маблағгузории хурд бо ҳам қиёс карда шуда, дар ин замина хулосаҳои муқоисавӣ пешниҳод мешуданд.

4. Масъалаҳои дар зербоби 2.3 баррасишуда мубрам ва ба таври эътимодбахш баён ёфтаанд. Ҳамзамон, васеътар ёдрас шудан аз нақш ва афзорҳои танзимии Бонки миллии Тоҷикистон дар самти идоракунии хавфҳои асъории ташкилотҳои маблағгузории хурд муҳтавои зербоби мазкурро бойтар мегардонид.

5. Моделсозии ояндабинии идоракунии хавфҳо дар зербоби 3.3 бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ аз сатҳи баланди илмии таҳқиқот шаҳодат медиҳад. Ҷиҳати беҳтар фаҳмидани ҷанбаҳои амалии модел, агар усул ва дастрасии математикию риёзии дар таҳияи он истифодашуда муфассалтар шарҳ дода мешуд, боз ҳам манфиатбахштар мебуд.

15. Хулосаи умумӣ ба диссертатсия

Дар маҷмуъ, таҳқиқи диссертатсионии Исоев Аслиддин Шамсуддинович дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд » пажуҳиши нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Исоев Аслиддин Шамсуддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, мебошад.

Тақриз аз натиҷаи ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳия шудааст (протоколи **№ 2 аз 18.09. 2026).**

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: тарафдор – 16 нафар, зид – нест; бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Абдулов Д.Н.

Ташхисгар:
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Вазирзода Д.Р.

Котиби ҷаласа:
н.и.и, муаллими калон Раҳматзода У.Р.

Имзоҳои Абдулов Д., Вазирзода Д.Р. ва Раҳматзода У.Р. -ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатзода М.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Тел.: (+992 8 33 22) 2 35 06; 2 35 07,
факс: (+992 8 33 22) 3 35 06
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj